“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисод, профессор
Хушвахтзода Қ. Х.
_______________
“30” 12 соли 2023

# ХУЛОСАИ

кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Ҷамшед Исроилович Фархудинов дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03. - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд - ДМТ) иҷро гардидааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯй Курбонов Қобилҷон Шарифбоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мебошад.

Унвонҷӯй Ҷамшед Исроилович Фархудинов санаи 5 – уми июни соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) таваллуд шудааст.

Соли 2009 шӯъбаи рӯзонаи Донишкадаи андоз ва ҳуқукро (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) бо дипломи аълочӣ хатм намуда, ҳоло ба сифати мутахассиси шуъбаи протоколи Ҷамъияти саҳомии шакли пушидаи “Оксус кэпитал инвестментс”иҷрои вазифа дорад.

Мавзӯи диссертатсияи ӯ бо Қарори Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 28 – уми марти соли 2020, таҳти № 8 (19 - 20) тасдиқ шудааст.

Ба унвонҷуй Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 30 ноябри соли 2023, № 144, аз ҷониби ДМТ дода шудааст. Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Таърих ва фалсафаи илм – 4 (хуб), санаи 13 июни соли 2017;
2. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 4 (хуб), санаи 9 ноябри соли 2017;
3. Ихтисоси илмӣ – 12. 00. 03. – 4 (хуб), санаи 12 октябри соли 2023.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима гардида, аз рӯйи натиҷаҳои он чунин хулоса қабул гардид.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Тоҷикистон давлати кишоварзӣ буда, аксарияти аҳолии қобили меҳнати он дар деҳот зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ мекунанд. Маълум аст, ки истеҳсолоти кишоварзӣ ба таваккалии зиёди экологӣ ва молумулкӣ алоқамандӣ дорад ва яке аз воситаҳои ҳуқуқи мадании паст намудани чунин ҳолати хавфнок суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ мебошад.

Дар Кодекси мадании ҶТ, ки аз 1 июли соли 2023 мавриди амал гардид, боби 53 ба “Суғуртакунӣ” бахшида шудааст, ки аз 45 модда иборат буда, дар онҳо меъёрҳои умумӣ ва махсуси суғурта пешбинӣ шудааст. Аммо нисбат ба суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ меъёрҳои махсус муқаррар нашудааст. Зимнан моддаҳои мазкур қоидаҳои умумӣ ва якхелаи намудҳои шартномаи суғуртаро муайян мекунанд. Ҳол он ки ҳар кадами ин шартномаҳо дорои хусусиятҳои муҳиме мебошанд, ки аз предмети онҳо бармеоянд. Заминаи кунунии меъёрии ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ин васила ба таҷдид ниёз дошта, баъзе масъалаҳои муҳимми дигари марбут ба мафҳумҳои “шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти

кишоварзӣ бо дастгирии давлатӣ”, “шартномаи суғуртаи хоҷагиҳои кишоварзӣ”, “шартномаи суғуртаи истеҳсол, нигаҳдорӣ ва фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ” ва таносуби байни онҳо, мафҳуму тавсифи ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, предмет ва шартҳои дигари шартнома ва ғайра баҳсбарангез боқӣ мемонда дар навбати худ, таҳлили амиқи илмиро бо мақсади такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, хусусан танзими шартномавии онҳо талаб мекунад.

Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ –назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқи илмии мазкур таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, инчунин, таҳияи тавсияву пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили механизми танзими ҳуқуқии чунин хизматрасониҳо мебошад. Дар доираи мақсадҳои гузошташуда иҷро кардани вазифаҳои зерин дар назар аст:

- муайян кардани мафҳуми “суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ” ва муқаррар кардани робитаи он бо мафҳуми “суғуртаи замин”;

- таҳқиқи сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ”;

- муайян кардани таърифи мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- тавсифи ҳайати субъектони шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- шарҳ додани хусусиятҳои хоси бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

- ошкор намудани тавсифоти ҷавобгарӣ дар доираи ҳуқуқи маданӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ.

**Сатҳи таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ.** Дар таҳқиқи илмии ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ олимони маъруф, аз қабили С. С. Алексеев, Ғ.Д. Ашуров, М.И. Брагинский, В.В. Витрянский, Е.А. Суханов, О.А. Красавчиков, О.С. Иоффе, Ш.М. Исмаилов, М.А. Маҳмудзода, Ҷ.С. Муртазозода, М.З. Раҳимзода, Ш.Т. Тағойиназаров, Н. Шонасрудинов, Х.Н. Фаќеров, Д.Г. Хоҷамуродов, Ш. К. Ғаюрзода, Ш. Каримзода, Д.Ш. Сангинзод, А. В. Золотухин ва дигарон саҳми худро гузоштаанд.

Дар ин маврид таҳқиқоти илмии И.И. Гатиятуллина “Страховые правоотношения в сельском хозяйстве”, Ғ.Д. Ашуров “Идоракунии рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ: назария, методология, амалия”, С.Х. Давлатзода “Совершенствование организации аграрным производством на основе принципов устойчивого землепользования (на материалах Республики Таджикистан ”, А. Е. Козинов “Существенные условия договора страхования гражданской ответственности по Российскому законодательству”, Ю. Б. Фогелсон “Договор страхования в Российском гражданском праве”, Мирзон Н.М. “Обеспечение устойчивого развития сельского хозяйства горных районов Таджикистана”, М. Р. Ашхотова “Модернизация механизма регулирования земельных отношений в условиях малоземелья (на примере Кабардино-Балкарской Республики)”, А.В. Хотко “Принцип платности землепользования – реализация в земельном законодательстве и правоприменительной практике”, Р.Ш. Фозилов “Ташаккул ва рушди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)” ва ғайра бевосита баъзе паҳлуҳои ҳуқуқии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзиро баррасӣ кардаанд.

Мавриди зикр аст, ки дар ҶТ масоили танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба таври комплексӣ то имрӯз

мавриди омӯзиши алоҳида қарор нагирифтааст. Таҳқиқоти мазкур аввалин асари илмии монографӣ оид ба масъалаи зикршуда мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар доираи таҳқиқоти илмӣ зарурати ба таври ҳатмӣ бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ асоснок ва исбот карда шудааст. Бинобар зиёд будани хавфи таваккал дар заминҳои таъиноти кишоварзӣ зарурати бастани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ ҷой дорад. Ҷонибҳои шартнома суғуртакунанда ва суғурташаванда ба шумор меравaнд. Хусусияти ин намуди шартнома дар он ифода меёбад, ки як қисми хароҷотҳо ҷиҳати барқарор намудани заминҳои аз ҳодисаҳои табиӣ талафёфта аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар доираи шартномаи мазкур барқарор карда мешаванд.

Тибқи қонунгузории амалкунанда маблағҳое, ки бо мақсадҳои ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва бартарафсозии оқибатҳои манфие, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ ва антропогенӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ҳисоби буҷаи давлат ва маблағҳои махсуси бо ин мақсадҳо ҷудогардида амалӣ карда мешавад. Бинобар ин ба суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ танҳо он корхонаҳое ҷалб карда шаванд, ки қисман аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Ё ин ки метавонанд дар самти суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ташкилотҳои хусусӣ низ ҷалб карда шаванд. Аммо зарур аст, ки механизми ҷалби ташкилотҳои хусусӣ коркард шуда, талаботҳои махсус дар ин самт ба онҳо вогузор карда шавад.

Ба андешаи унвонҷӯй шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дорои аломатҳои ҳуқуқие мебошад, ки аз дигар шартномаҳои шабеҳ онро тафовут мегузорад: музднок будани шартнома. Зимнан маблағи шартнома аз омилҳои гуногун вобаста буда, ҳангоми муқаррар намудани тарифи суғуртавӣ бояд пеш аз ҳама аз ҳолатҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ, экологию биологӣ,

зиддиэрозиявӣ, болопӯшида ё болокушода будани қитъаи замин, наздикӣ доштан ё надоштан бо дигар захираҳои табиӣ, инфрасохторҳои зарурӣ ва дигар хусусиятҳои муҳим бояд ба инобат гирифта шавад; хусусияти сеҷониба доштани шартнома (яъне дар суғуртакунии ҳатмии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба ҳайси суғуртакунандаҳо давлат ва ташкилоти суғуртавӣ баромад мекунад; хусусияти ҳатмӣ доштани шартнома (суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ бояд ба таври ҳатмӣ муқаррар карда шавад).

Аз ҷониби унвонҷӯй зимни таҳлили мазмуни шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ оид ба зарурати аз ҷониби суғурташавандаҳо ҳатман пешниҳод кардани тамоми маълумотҳо вобаста ба ҳолати мелиоративии қитъаи замин ба суғуртакунанда хулосабарорӣ карда шудааст.

Дар заминаи таҷрибаи байналмилалӣ зарурати пешбурди феҳристи ягонаи давлатии қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ асоснок карда шудааст. Пешниҳод гардидааст, ки дар феҳристи мазкур на танҳо маълумот дар хусуси шумора ва андозаҳои қитъаҳои заминҳои таъиноти кишоварзӣ ифода карда шавад, балки тамоми хусусиятҳо, аз ҷумла маълумот дар бораи қабати ҳосилнокии хок, кадом намуди кишт дар панҷ соли охир дар қитъаи замин амалӣ шудааст, ҳосилнокии қитъаи замин, дар қитъаи замин кай ва кадом намуди доруҳои минералӣ дода шудааст, кадом намуди ҳодисаҳои табиӣ бештар ба қитъаи замин таъсири манфӣ мерасонад ва дигар хусусиятҳои муҳим бояд мазмуни феҳристро ташкил диҳад. Феҳристи мазкур ба таври шаффоф дар сомонаи мақомоти ваколатдорӣ давлатӣ ҷой дода шавад. Гузашта аз ин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар сохтори дахлдори мақомоти ваколатдорӣ давлатӣ маҳфуз нигаҳдорӣ карда шавад.

Баҳри расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва ҷалби бештари суғуртакунандаҳо ба соҳаи кишоварзӣ зарурати дар қонунгузорӣ

пешбинӣ намудани имтиёзҳои ҳадди ақал муайян ва исбот карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф имтиёзҳои ҳадди ақал бояд инҳо бошанд: ба хоҷагидорон нисбат ба нархи бозорӣ арзон фурӯхтани маводи сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ, қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиётӣ ва механизмҳо, аз пардохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ озод намудани намудҳои гуногуни тухмиҳо, доруҳои минералӣ ва ғайра. Зимнан имтиёзҳои мазкур бояд дар доираи қонунгузории андозу гумрук ва бо назардошти талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо сурат гирад, то ин ки муносибати комплексӣ ва дуруст ба роҳ монда шавад.

Дар доираи таҳқиқоти илмӣ зарурати ташкил намудани заминаҳои ҳуқуқии рушду инкишофи институти суғурта дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзӣ исбот шудааст.

Низоми сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, ки аз қисми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартнома иборат аст, ба таҷдиду такмили ҷиддӣ ниёз дорад.

Дар низоми қонунгузории кишвар то ҳол санади меъёрии ҳуқуқии махсус, ки суғуртакунии соҳаи кишоварзиро махсус танзим намояд, арзи вуҷуд надорад.

Баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа суғуртакунии намудҳои алоҳидаи соҳаи кишоварзиро муқаррар кардаанд. Аммо механизми иҷрои меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур то ҳол норавшан боқӣ мондааст.

Бо мақсади такмили минбаъдаи механизми ҳуқуқии муносибатҳо вобаста суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, пешниҳод гардидааст, ки Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртакунии заминҳои таъиноти кишоварзӣ” қабул ва дар Кодекси замини ҶТ боби алоҳида, ки ба хусусиятҳои умумии суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ заминаи ҳуқуқӣ мегузорад, тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шавад. Ҳамзамон ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқи соҳа низ тағйирот ворид карда шавад.

Асоснок шудааст, ки бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дахлдор бояд имконияти суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар ҳамаи марҳилаҳои корҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ (яъне оғоз карда аз мавсими кор (коркарди заминҳо, шаклдарории дарахту буттаҳо, маҳфуз нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии қитъаи замин) ва ғайра, то марҳилаи ҳосилғундорӣ ё як марҳилаи муайян вобаста ба ҳодисаҳои табиӣ ва мавсими сар задани он) дар қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ карда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти анҷомёфта бо назарияи хуқуқи суғуртавии ҶТ ва амалияи суғурта алоқамандӣ дорад. Аз таҳқиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи танзими суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои суғуртавӣ, инчунин доктрина, хулоса ва муқаррароти дахлдори илмӣ-назариявӣ иборат мебошад. Асосҳои методологии онро усулҳои муқоисавӣ, таърихӣ, мантиқӣ, инчунин таҳлили низомноки илмҳои ҷомеашиносӣ ташкил медиҳанд. Истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ва риояи одоби илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав дар танзими суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории ҶТ мусоидат намудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаҳои эмпирикии он ифода меёбад, ки аз маводҳои дастраси умумӣ мақомотҳои ваколатдори давлатӣ ва дигар манбаъҳои иттилоотию таҳлилӣ иборат мебошад. Дар ин маврид талабот ба овардани иқтибос ба манбаи иттилоотӣ риоя карда шудааст.

Диссертатсияи мазкур нахустин асари илмии анҷомёфта дар мавзӯи "Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, дорои аломатҳои хосси инноватсионӣ мебошад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ҳосилшуда пурра ба Шиносномаи ихтисоси илмии 12. 00. 03 - Ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ;

ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ шудааст, мутобиқат доранд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулосаву муқаррароти дар диссертатсия таҳиягардидаро метавон ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти баъдии илмӣ-назариявӣ оид ба ин масъала, инчунин, дар раванди таълим аз фанни ҳатмии таълимӣ - “Ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар зинаи бакалавр ва ҳангоми гузаронидани курси махсуси “Ҳуқуқи суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ истифода бурд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он таҷассум меёбад, ки тавсияву пешниҳодоти дар он овардашударо барои такмили минбаъдаи механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи мазкур якчанд маротиба муҳокимашуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии дар диссертатсия дарҷгардида дар мақолаҳои илмии нашргашта инъикос ёфтаанд. Оид ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ муаллиф дар семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии зерин бо маърузаҳо баромад намудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ-оммавии диссертант дарҷ шудаанд, ки аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба чоп расидааст:

1. Фарходинов Ҷ.И. Оид ба баъзе масъалаҳои рушди муносибатҳои суғуртавии заминҳои таъиноти кишоварзӣ // Қонунгузорӣ: маҷаллаи илмӣ-таҳлилии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2020. № 2 (38). – С.75

2. Фарходинов Ҷ.И. Мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ) – Душанбе: Маркази табъу нашр ва тарҷума, 2020. – № 7 – С. 269.

3. Фарходинов Ҷ.И. Нақши шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар рушди иқтисодӣ миллӣ // Идоракунии давлатӣ: маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –2021. – № 2 (51). – С. 198

4. Фарходинов Ҷ.И. Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ, (маҷаллаи илмӣ) – Душанбе: Маркази таъбу нашр ва тарҷума, 2022. – № 7. – С. 269.

5. Фарходинов Дж. И. К вопросу об особенности договора страхование земель сельскохозяйственного назначения Республики Таджикистан. // Материалы международной научно-практической конференции «XIII Ломоносовские чтения», посвященной 115-летию Академика Бободжона Гафурова. Часть II Гуманитарные науки (право, экономика) 28-29 апреля 2023г. Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе.

6. Қурбонов Қ., Фарходинов Ҷ.И. Роҷеъ ба баъзе масъалаҳои қатъ гардидани шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ

тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ.И. Фархудинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – Душанбе: Маркази таъбу нашр, баргадон ва тарҷума 2023. – №8 – С.252

7. Фархудинов Ҷ.И. Марҳилаҳои шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ – Душанбе, 2023 – №3 (47) – С.120.

8. Фархудинов Ҷ.И. Хусусиятҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ // Идоракунии давлатӣ: маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2023 – №4 – С. 256.

9. Фархудинов Ҷ.И. Манфиати молу мулки ҳамчун объекти шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илимию амалӣ дар мавзӯи "Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир" 13.10 соли 2023 – С. 94.

Аз натиҷаҳои таҳқиқ муаллиф ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои мақсадноки амалӣ аз фанни "Ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва курси махсуси "Ҳуқуқи суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ва ташкилотҳои суғуртавӣ истифода бурдааст.

**Ҳамин тавр, кафедра чунин қарор қабул намуд:**

Диссертатсияи Ҷамшед Исроилович Фархудинов дар мавзӯи "Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03. - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботҳои бандҳои 31 – 37 Тартиби

додани дарачаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ буда, муаллифи он арзандаи дарачаи илмии баёншуда мебошад.

Хулосаи мазкур дар чаласаи кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қабул шудааст. Иштирок намудан 17 нафар. Овоз доданд: ба тарафдории қабули чунин хулоса – 17 нафар, муқобил ва бетараф нест. Протоколи № 5 аз 27 – уми декабри соли 2023.

Раиси чаласа, мудири кафедраи ҳуқуқи
мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор: Ғаюрзода Ш. К.

Котиби чаласа, муаллими калони кафедра: Хочамуродов Д. Г.

Имзоҳои Ғаюрзода Ш. К. ва Хочамуродов Д. Г.- ро тасдиқ мекунам. Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.
27.12.23